*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимова Мукадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.**

Бахши давлатии иқтисодиёт ин як бахш ва ё як қисми фазои иқтисодиест, ки дар он муносибатҳои бозорӣ амал намекунанд ё қисман амал мекунанд ва пеш аз ҳама, на неъматҳои хусусӣ, балки неъматҳои ҷамъиятӣ истеҳсол, таъмин ва истеъмол карда мешаванд. Неъматҳои ҷамъиятӣ, шароит ва омили рушди иқтисоди миллиро тавассути ангезиш додани омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ таъмин менамояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид карда шудааст, ки «вазифаҳои асосии рушди сармояи инсониро дар давраи дарозмуҳлат пешбурди фарогирии иҷтимоӣ тариқи баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, ва беҳдошт ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» ташкил медиҳад. Ҳамин аст, ки муҳаққиқон ба зарурати дастгирии рушди иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, тамоюли рушди маблағгузории давлатиро дар ин самт муҳим арзёбӣ намудаанд.

Аслан, дар сохтори бахши давлатии иқтисодиёти сатҳҳои гуногун соҳаҳои истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Манбаи маблағгузории ин неъматҳоро аслан буҷети маҳаллӣ ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ин соҳаҳо ба ҷузъи муҳимми иқтисоди миллӣ табдил ёфта, дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохила низ иштирок менамоянд ва айни замон ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли ММД беш аз 5,5 фоизро ташкил медиҳад (саҳ.4).

Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъалаи неъматҳои ҷамъиятӣ ва бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад, ҳаллу фасл намояд.

Дар натиҷаи омӯзиши асарҳои олимони хориҷиву ватанӣ муаллиф оид ба моҳияти неъматҳои ҷамъиятӣ ба хулосае амадааст, ки ҳама гуна маънӣ, ашё, зуҳурот, маҳсули меҳнат, ки эҳтиёҷоти мушаххаси инсонро қонеъ мекунанд ва ба манфиатҳо, ҳадафҳо ва кӯшишҳову хоҳишҳои инсон ҷавобгӯ ҳастанд, неъмат номида мешаванд. Муаллиф барои муайян кардан ё ворид шудан ба мазмуни неъматҳои ҷамъиятӣ, таҳлили муқоисавии неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро хело хуб иҷро намудааст (саҳ.11, расми 1).

Дар автореферати диссертатсия, пеш аз ҳама, муаллиф ба ҳолати таъминоти молиявии истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки аз тарафи давлат ба иҷро мерасад, диққати ҷидди додааст. Инчунин қайд карда шудааст, ки дар мамлакат пайваста бо ғанӣ гаштани даромади буҷети давлатӣ фаъолгардии равандҳои самти иҷтимоӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ мушоҳида мешавад ва дар шакли диаграмма хело хуб пешниҳод намудааст (саҳ. 13-14, диаграммаи 1).

Дар ҳар як минтақаи мамлакат афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва таъмини неъматҳо, хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, соҳаи маориф дар доираи буҷети маҳаллӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ муаллиф маблағгузории давлатӣ барои истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро дар вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор дода ба хулосае омадааст, ки дараҷаи рушди он нисбат ба дараҷаи рушди ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет болотар аст, яъне ҳиссаи он тамоюли болоравиро дорад (саҳ.14, ҷадвали 1).

Муаллифи диссертатсия барои он ки ҷойгоҳи минтақаи таҳқиқшавандаро дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоии мамлакат муайян намояд, методи фосиларо истифода бурда, муайян намуд, ки аз рӯи нишондиҳандаи ҷамъбастшуда вилояти Суғд бо индекси 1,07 дар ҷои дуюм қарор гирифтааст (саҳ.15, ҷадвали 2).

Муаллиф дар таҳқиқоти худ асоснок намудааст, ки соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба соҳаи иқтисодиёт дохил мешаванд инчунин, омили иҷтимоии рушди иқтисодӣ баромад менамоянд. Бо мақсади муайян кардани мавқеи соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллии вилояти Суғд муаллиф таҳлилии коррелятсионӣ – регреесионӣ анҷом додааст, яъне вобастагии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғдро аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоишии хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ муайян намудааст (саҳ.17).

Диссертант, тавсифи вобастагии муносибгардонӣ ва такмили низоми идоракунии бахши давлатиро, яъне идораи таъминоти захиравиро таҳия намудааст (саҳ.18, расми 4), ки метавонанд барои такмили механизмҳои равандҳои идоракунӣ дар бахши давлатӣ истифода шаванд.

Ҳамин тариқ тамоюли муҳимми рушди бахши давлатии иқтисодиёти минтақа дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ гузариш аз равиши вазифавӣ-идорӣ ба ташкили фаъолият тибқи барномаҳои мақсаднок мебошад, бинобар ин зарур аст, ки ба фаъолияти тамоми субъектҳои бахши давлатӣ дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ лоиҳакашии иҷтимоӣ ҳамчун олоти идоракунии объект ворид карда шавад.

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан дар автореферат дарҷ намеёбад, бинобар ин, дар мавриди мутолиаи автореферат эроду пешниҳодҳоро ба миён меорад.

1. Хуб мешуд, муаллиф бо мақсади муайян намудани афзалияти бахши давлатӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоии вилояти Суғд таҳлилҳои муқоисавӣ мегузаронд.

2. Масъалаи шарикии бахши давлатию хусусӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба таври кифоят кушода дода нашудааст.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуд, моҳияти назариявӣ ва амалии автореферати диссертатсияро кам намекунад ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Хулоса, бояд ҳаминро қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи назарияи иқтисод Шарифов И.О.

*Имзои Шарифов И.О.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

***Суроға:*** *735140, ш. Бохтар кӯчаи Айни,67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, сомона: www.btsu.tj,*
*почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru, ktsu78@mail.ru*